«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.х., профессор
Насриддинзода Э.С. ____________
аз «_17_» _12_ соли 2024

**ХУЛОСАИ**
**кафедраи психологияи факултети фалсафаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи: «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-илмҳои психологӣ (6D050305-Психологияи иҷтимоӣ) дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия Сахиёр Раҳимуллоҳ ба ҳайси докторанти PhD кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Сахиёр Раҳимуллоҳ шаҳрванди Ҷумҳурии исломии Афғонистон буда, соли 2021 ба Тоҷикистон барои таҳсил дар зинаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси психология омада, бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 9-уми апрели соли 2021, таҳти №128-05 дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи донишгоҳи болозикр ба ҳайси докторанти фалсафа PhD-и қабул гардида, соли 2023 докторантураро аз рӯйи ихтисоси мазкур бомуваффақият хатм кардааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани маҷмуи имтиҳонҳо (транскрип) аз санаи 30-юми июни соли 2023, тахти №83 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Мавзуи диссертатсияи дараҷаи доктори фалсафа PhD дар маҷлиси кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17-уми марти соли 2021, суратмаҷлиси №8 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз

31-уми марти соли 2021, суратмаҷлисӣ №9 зери унвони «Таҳқиқи робитаи бекорӣ ва афсурдагӣ дар ҷавонони шаҳри Кобул» тасдиқ шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D050300-Психологӣ (6D050305-Психологияи иҷтимоӣ), мутобиқат менамояд.

Роҳбари илмии докторанти PhD-ро номзади илмҳои психологӣ, дотсент Н.Қ. Амонов то соли 2022 ба зима дошт. Сипас дар асосои аризаи докторанти PhD Сахиёр Раҳимуллоҳ бо фармоиши ректори донишгоҳ аз 04-уми июли 2022, таҳти №240-05 роҳбари илмии докторанти PhD-ро ба зимаи номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ Раҷабзода Н.М. вогузор карда шуд.

Мавзуи кори диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми психологии замони муосир бахшида шудааст. Мавзуи мазкур аҳаммияти илмии назариявию амалиро дар риштаи илми психология ва сотсиология соҳиб мебошад.

Вобаста ба натиҷаҳои муҳокимаи рисола хулосаҳои зерин кабул гардиданд:

- масъалаи таҳқиқшаванда аҳаммияти муҳимми назариявию илмӣ ва амалиро соҳиб аст. Зеро депрессия ҳолати равоние мебошад, ки муносибат ва фаъолияти муътадили рӯзмараи шахсро халалдор намуда, инсонро то ба суитсид бурда мерасонад. Ба ҳолати депрессия дучор шудани шахс дар заминаи омилҳои зиёд сурат мегирад, ки дар ин ҷо муҳаққиқ яке аз онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкур ба сифати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирифта шудааст;
- вазифаҳои таҳқиқот ба нақшаи кори диссертатсионӣ мувофиқ буда, ҷиҳатҳои зеринро фаро мегирад: муайян намудани мафҳум ва моҳияти бекорӣ ҳамчун омили ба миён овардани депресия ва хусусиятҳои он; омӯзиши асосҳои назариявии психологии робитаи бекорӣ бо депрессия ва таъсири психологии онҳо ба ҷавонон; муайян намудани намудҳои депрессия ва алоқамандии онҳо бо бекорӣ дар муҳити зист; таҳқиқи

омилҳо ва сабабҳое, ки ба раванди гирифторшавии депрессия ба ҷавонон мусоидат мекунанд; муайян кардани оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонони шаҳри Кобул; аниқ кардани усули ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул; коркарди методикаҳои ташхисии хусусиятҳои шахсияти бекорон; ба таври озмоишӣ санҷидани робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳдошти ояндаи ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони Афғонистон;

- ба эътибор гирифтани аҳаммияти амалии таҳқиқот тавассути амалӣ намудани тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар амалияи психология;

- хулосаҳо ва маводҳои диссертатсия барои самаранок гардонидани фаъолияти психологҳои амалӣ дар татбиқи чорабиниҳо ва роҳҳои баркарорсозии ҳолати равонӣ мавриди истифода карор мегиранд;

- хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар раванди машваратҳои психологӣ, ташхисҳои психологӣ ва таҳияи модулҳои ихтисосӣ метавонанд истифода шаванд;

- муносибатҳои методологӣ ва илмие, ки дар рафти омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаи алоқамандии бекорӣ бо депрессия асосҳои методологии таҳқиқотро ташкил менамояд. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи мазкур аз методҳои системанокӣ, муқоисавӣ, таҳлиливу ташхиснамоӣ, меъёриву арзишӣ ва ғайра истифода гардидааст. Инчунин дар раванди таҳқиқоти мавзуи мазкур аз асарҳои муҳаққиқони макон ва замони мухталиф ба таври васеъ истифода шудааст, ки асосҳои назариявию методологии кори диссертатсиониро устувор гардонидаанд;

- дар диссертатсияии мазкур навгонии илмии таҳқиқот ба таври зарурӣ асоснок гардонида шуда, андешаҳои назаррас ва барои ҷомеаи муосир муҳимро пешниҳод намудааст. Мақсад ва вазифаҳои рисола доираи васеи масъалаҳои ҳолати равонии шахсро дар натиҷаи дучор шудан ба депрессия фаро гирифта, аҳаммияти хосро дар илми психология, махсусан

психологияи амалӣ соҳиб мебошад. Таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили сифр психологӣ асоснок гардидааст.

Корҳои нашршуда ва автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидааст. Ҳамаи онҳо мазмун ва мавзуи рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллифи рисола инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

Мақолаҳои илмии муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда инҳо мебошанд:

[1-М]. Сахиёр Р. Сабабҳои бекорӣ ва пайомадҳои ногувори он аз дидгоҳи равоншиносӣ [Матн] / Р. Сахиёр // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маорпф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. –Душанбе, –2023. –№2. –С. 51-57

[2-М]. Раҷабзода Н.М., Сахиёр Р. Пайдошавии нишонаҳои депрессия дар рафтори инсон [Матн] / Н.М. Раҷабзода, Р. Сахиёр // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ.–Душанбе, –2023. –№3. – С. 98-103

[3-М]. Сахиёр Р. Омилҳои бавуҷуоварандаи депрессия ва роҳҳои пешгирӣ намудани он [Матн] / Р. Сахиёр // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. –Душанбе, –2023. –№4. – С. 155-160

[4-М]. Раҷабзода Н.М., Сахиёр Р. Таъсири бекорӣ ба ҳолати афсурдагии афрод [Матн] Н.М. Раҷабзода, Р. Сахиёр // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. –Душанбе, –2024. –№1. – С. 181-190

[5-М]. Сахиёр Р. Бекорӣ ва таъсироти номатлуби он бар афради ҷомеа [Матн] / Р. Сахиёр // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. –Душанбе, –2023. –№2. – С. 192-199

[6-М]. Сахиёр Р. Омилҳои хастагӣ ва роҳҳои табобати он [Матн] / Р. Сахиёр // Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ. –Душанбе, –2022. –№3. – С. 138-142

[7-М]. Сахиёр Р. Нишонаҳои хастагӣ ва пешгирии он [Матн] / Р. Сахиёр. // Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ. –Душанбе, –2022. –№4. – С. 152-157

Муаллифи рисола дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок ва маърӯза намудааст. Аз ҷумла:

[1-М]. Сахиёр Р. Афсурдагӣ аз сабаби бекорӣ дар байни ҷавонони шаҳри Кобул [Матн] / Р. Сахиёр. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Накш ва аҳамияти хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар пешбурд ва рушди раванди таълиму тарбия (ш. Душанбе 25-уми апрели соли 2024). - Душанбе, 2024. - С. 261-275

[2-М]. Сахиёр Р. Таъсири бекорӣ ба таъминоти иҷтимоӣ дар раванди депрессияи ҷавонони шаҳри Кобул [Матн] / Р. Сахиёр. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили раванди босамари таълиму тарбия зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ (ш. Душанбе 8-уми ноябри соли 2024). - Душанбе, 2024. - С. 222-227

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди истеҳсолот, яъне ҳангоми мураттаб намудани барномаҳои мақсаднок, модулҳои омӯзишӣ, ташхисҳои психологӣ, машварати психологӣ ва дигар ҳолатҳо мавриди истифода қарор мегиранд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди пажуҳиши минбаъдаи масъалаи бекорӣ ва депресия ҳамчн сарчашмаи илмию методологӣ мавриди истифода қарор гиранд. Муҳим ин аст, ки хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани хусусиятҳои бевоситаи ба вуҷудоии депресия ва ҳолатҳои психологӣ низ мусоидат менамоянд.

Арзёбии мавзуи мазкур дар шакли рисолаи илмӣ ҳангоми машварати психологӣ, ташхиси психологӣ ва муратабсозии модулу барномаҳо ва ғайра ба сифати маводи назариявию таҳлилӣ истифода шаванда мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот назаррас мебюошад. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот - интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мубрамияти он, муайян намудани ҳаафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф ба сомон расонида шудаст. Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқот, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳоди мушаххас ва нуктаҳои илмии худро дар интишороташ ҷо намуда, бо асосноккунонии илмӣ исбот карда кардааст.

Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи: «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-илмҳои психологӣ (6D050305-Психологияи иҷтимоӣ) пешниход мегардад, чонибдорӣ карда шавад.

Хулосаи кафедраи психология барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O66 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, баъд аз муҳокимаю баррасӣ қабул гардидааст. Дар маҷлис 17 нафар иштирок намуданд, ки аз онҳо 8 нафар номзадони илм мебошанд. Натиҷаи овоздиҳии ошкоро чунин сурат гириф: «тарафдор» - 17 нафар, «мукобил» - нест, «бетараф» - нест, протоколи №4/1 аз 4-уми декабри соли 2024.

Мудири кафедраи психологияи
факултети фалсафаи ДМТ,
доктори фалсафа PhD аз рӯйи
ихтисоси психология, дотсент Саидзода Б.Х.

Котиби маҷлиси кафедра
н.и.с., дотсенти кафедра Расулов С.Х.

Имзои Б. Саидзода ва
С. Расуловро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.